# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қуватова Рафоат дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии раванди ислоҳоти соҳаи маориф бо мақсади танзими идоракунӣ, навгонии муттасил, ҷиҳати ворид шудан ба фазои таҳсилоти ягонаи ҷаҳонӣ ва аз худ намудани илмҳои муосир ҳамасола санадҳои муҳими давлатӣ қабул намуда, базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимиро пурзӯр намуда истодааст, ки барои боз ҳам беҳтаршавии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Яке аз масъалаҳои муҳим ин таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шароити имрӯза бо талаботҳои нави ҷаҳонии зудтағирёбанда ба ҳисоб меравад. Ҷомеаи муосир ба муассисаҳои таълимие ниёз дорад, ки аз уҳдаи тарбияи хонандагони лаёқатманде, ки дорои қобилиятҳои барҷаста, эҷодкору созанда ва соҳиби ахлоқи намунавию салоҳиятнокии баланд баромада тавонанд.

Мавзӯе, ки унвонҷӯ интихоб намудааст, ба яке аз масъалҳои мубрами соҳаи маориф, яъне муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат бахшида шудааст. Рисолаи унвонҷӯ моҳияти мавзуи интихобшударо пурра инъикос намуда ҷанбаҳои муҳимми вобаста ба асосҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат аз фанҳои дақиқро фаро гирифтааст.

Омӯзиш ва мавриди таҳқиқи автореферати диссертатсия собит ба он мекунад, ки дар дарёфт ва рушди лаёқатмандии хонандагон аз фанҳои дақиқ нақши бориз доранд. Муаллифи рисола корҳои зиёди илмӣ анҷом дода, самтҳои гуногуни ин масъаларо баён намуда, барои баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи хонандагони болаёқат пешниҳодҳои ҷолиб намудааст.

Арзишмандии кори диссертатсионии Қуватова Рафоатро ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии татқиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;
- дар заминаи омӯхта шудани дараҷаи коркарди мавзуъ аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни ҷанбаҳои педагогии муносибати босалоҳият ба таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва дар ин замина пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ манзур шудааст;
- мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба нақшаи таҳиякардашуда мувофиқат менамояд;

- муаллиф кушиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботҳои ҷомеаи муосир дар шароити Литсей тарҳрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ бахрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;

- хулосаҳо ба бобҳои аввал ва дуюм, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои татқиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ ва амалии кор мувофиқат менамояд;

ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, осори адибон, анъанаву арзишҳои миллӣ, татқиқотҳои олимон ва ғайра хеле моҳирона ва хуб истифода кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бо таваҷҷуҳи он ба ҳалли масъалаи рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими фанҳои дақиқ дар шароити таълимии литсей муайян карда шуд; модели санҷидашудаи идоракунии ин раванд дар самти амалии низоми таҳияшудаи ташкили раванди таълими фанҳои дақиқ пешниҳод карда шуд.

Хулоса, диссертатсияи Қуватова Рафоат дар мавзуи дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе)” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
silmon@mail.ru, +992 939996099

Мавлонназаров Силмон

*Имзои Мавлонназаров Силмонро тасдиқ мекунам.*

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамидов Ш.